# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи: "Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Вазъи инфрасохтори электроэнергетикӣ ва самараи фаъолияти он ба дараҷаи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсири калидӣ мерасонад, зеро бо назардошти афзоиши эҳтиёҷоти соҳаҳои хоҷагии халқ ва некӯаҳволии аҳолӣ таъсири сатҳи тараққиёти инфрасохтор ба рушди иқтисодиёт тақони ҷиддӣ мебахшад. Зин сабаб ҳавасмандгардонии рушди инфрасохтори электроэнергетикӣ дар қатори вазифаҳои якуминдараҷаи рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ин баррасии чуқур ва асосноки масъалаҳои назариявию методии арзёбии миқдории фаъолияти ИЭЭ ва таъсири он ба рушди иқтисодӣ металабад.

Рисолаи номзадии Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна ба такмили муқарраротҳои назариявию методӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодиёт бахшида шудааст. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ Ҳомидова М.И. ҳаҷми зиёди адабиётҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маводҳои зарурии оморӣ оид ба мавзӯи рисолаи илмиро таҳлил кардааст.

Хулосаҳои илмии рисоларо, ки ҳамчун тавсияҳои амалӣ дар асоси санҷиши муносибати методии пешниҳодшудаи таҳияи механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт баррасӣ гардиданд, метавон дар Барномаҳои рушди вилояти Суғди Тоҷикистон, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 истифода бурд.

Дар раванди навиштани рисолаи илмӣ Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна худро ҳамчун тадқиқотчии қобилиятнок нишон дод ва ба Стипендияи Раиси вилояти Суғди Тоҷикистон сазовор гардид. Муаллиф бо усулҳои муосири гузаронидани тадқиқоти иқтисодӣ ба қадри кофӣ шинос аст, методология ва усулҳои иҷрои корҳои илмиро мефаҳмад. Вай бо мақсаднокӣ, сатҳи баланди ҳавасмандии дохилӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои илмӣ тавсиф карда мешавад. Инчунин дар конфронсҳои байналмилалии шаҳрҳои Москва ва Душанбе ба таври фаъол ва онлайн баромад намуда, дорои сертификатҳои байналмиллалӣ мебошад.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи зиёда аз 20 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия ва байналмилалӣ дар шаҳри Полша, Қазон ва Москва дар ҳаҷми 1,2 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд.

Дар рисолаи номзадӣ  вазифахои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд ва муаллиф ба мақсади илмӣ расидааст. Рисолаи илмӣ ба талаботҳое, ки аз ҷониби КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати рисолаҳои номзадӣ аз руи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Рохбари илмӣ, д.и.и., профессори кафедраи
иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ — Авезова М.М.

Суроға.Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 226.
Бинои асосии донишкада.Тел. +992 (3422) 6 – 04-54

Имзои д.и.и., профессор Авезова М.М. тасдиқ менамоям:

Мудири шӯъбаи кадрҳои донишкада — Ёқубова М.А.